# ТАВЗЕҲНОМА

ба лоиҳаи Тартиби ташаккул ва интишори феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд, инчунин чораҳои нисбат ба онҳо татбиқшаванда

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» дар таҳрири нав аз 15 марти соли 2023, №1950 қабул гардид ва мутобиқи моддаи 14-и он субъекти ҳисоботдиҳанда *(номгӯи субъектҳои ҳисоботдиҳанда дар моддаи 6 қонуни мазкур пешбинӣ шудааст)* ҳангоми ба роҳ мондани муносибатҳои корӣ ва (ё) анҷом додани амалиёт ва аҳд бо шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, аз ҷумла субъектҳои ҳисоботдиҳанда, ки аз кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд мебошанд, уҳдадор аст чораҳои қатъии санҷиши дахлдор ва чораҳои дигари ба хавфҳо мувофиқро татбиқ намояд. Тибқи қисми 3 моддаи 14 қонуни мазкур бошад тартиби ташаккул ва интишори феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд, инчунин чораҳои нисбат ба онҳо татбиқшавандаро мақоми ваколатдор муайян менамояд.

Дар ин раванд, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 2024, №846 Бонки миллии Тоҷикистон мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (минбаъд – МҚД/МТ/МПСҚО) муайян шудааст.

Боиси тазаккур аст, ки андешидани чораҳои қатъии санҷиши дахлдор ва чораҳои дигари ба хавфҳо мувофиқ аз ҷониби субъектҳои ҳисоботдиҳанда нисбат ба шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, аз ҷумла субъектҳои ҳисоботдиҳанда, ки аз кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд мебошанд, талаботи тавсияи 19 Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бар зидди пулшӯӣ (ФАТФ) мебошад. Тавсияҳои ФАТФ стандартҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат ба

қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ба ҳисоб рафта, мутобиқи қатъномаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №1617 (2005) ва 2462 (2019) давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид уҳдадор мебошанд, ки низоми миллии худро дар ин самт ба талаботи онҳо мутобиқ намоянд.

Бинобар дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом" пешбинӣ гардидани қабули тартиби ташаккул ва интишори феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд, инчунин чораҳои нисбат ба онҳо татбиқшаванда аз ҷониби мақоми ваколатдори МҚД/МТ/МПСҚО зарурати таҳия ва қабул намудани он дида мешавад.

Вобаста ба ин, лоиҳаи Тартиби ташаккул ва интишори феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд, инчунин чораҳои нисбат ба онҳо татбиқшаванда (минбаъд – лоиҳаи Тартиб) бо мақсадҳои зерин таҳия карда шудааст:

- ба танзим даровардани тартиби ташаккул ва интишори феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланди қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, инчунин чораҳои нисбат ба чунин кишварҳо ва ҳудудҳо татбиқшаванда;
- пешгирӣ ва муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом;
- коҳиш додани хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом;
- мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи тавсияҳои ФАТФ;

- қабули санади зерқонунӣ, ки қабули он дар санади қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст.

Лоиҳаи Тартиби мазкур фарогири масъалаҳои зерин мебошад:

- тартиби ташаккул ва интишори Феҳристи қишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланди ҚД/МТ/МПСҚО ва асосҳо барои дохил намудани давлатҳо ва ҳудудҳо ба он;

- чораҳое, ки нисбат ба кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланди ҚД/МТ/МПСҚО андешида мешаванд, инчунин уҳдадориҳои субъектҳои ҳисоботдиҳанда ҳангоми ба роҳ мондани муносибат бо чунин кишварҳо ва ҳудудҳо.

Қобил қайд аст, ки лоиҳаи Тартиби мазкур бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва тавсияҳои ФАТФ таҳия гардида, баҳри тақвият бахшидани низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО, рафъи камбудиҳои ҷойдошта дар ин самт ва мутобиқ намудани қонунгузории кишвар ба талаботи тавсияҳои ФАТФ нигаронида шудааст.

Қабули лоиҳаи Тартиби мазкур барои ҳимояи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба василаи коҳиш додани хавфҳои ҚД/МТ/МПСҚО мусоидат намуда, ба субъектҳои ҳисоботдиҳанда ҷиҳати дуруст татбиқ намудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» шароит фароҳам меорад.

Лоиҳаи Тартиб мазкур ба Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад.

Қабул ва татбиқи он маблағгузории иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб наменамояд.

И.в. раиси
Бонки миллии Тоҷикистон　　　　Икромӣ С.С.